Tajiki - Soul Scriptures

Матто 11:28-30 «Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид; 29 «Юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт; 30 «Зеро юғи Ман ҳуш ва бори Ман сабук аст».

1 Bakonzi 1:29; Забур 23:3; 34:22; 69:18 - God restore soul - Луқо 1:79 «То ки касони дар торикӣ ва сояи марг нишастаро мунаввар созад ва пойҳои моро ба роҳи осоиштагӣ равона кунад».

Матто 10:28 «Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; балки аз Ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад.

Матто 16:26 «Ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дуньёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? Ё ки одалшзод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад?

Матто 22:37 Исо ба вай гуфт: «"Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор".

Матто 26:38 Ва ба онҳо гуфт: «Ҷони Ман то ба дарачаи марговар маҳзун шудааст; дар ин ҷо бимонед ва бо Ман бедор бошед».

Марқус 8:36,37 «Зеро ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дуньёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? 37 «Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад?

Марқус 12:30 "Ва Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамолш ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст бидор"; аввалин аҳком ҳамин аст!

Марқус 12:33 «Ва Ӯро бо тамоми дил ва бо тамоми идрок ва бо тамоми қувват дӯст доштан ва ёри худро мисли худ дӯст доштан аз ҳамаи курбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳо афзалтар аст». (Такрори Шариат 4:29)

Марқус 14:34 Ва ба онҳо гуфт: «Ҷони Ман то ба дарачаи марговар маҳзун шудааст; дар ин ҷо бимонед ва бедор бошед».

Луқо 12:20 «Вале Худо ба вай гуфт: "Эй нодон! Худи имшаб ҷонатро аз ту талаб мекунанд; пас, он чи захира кардӣ, насиби кӣ мешавад?"

Луқо 21:19 «Ҷонҳои худро бо сабри худ начот хоҳед дод.

Юҳанно 12:27 «Алҳол ҷони Ман дар изтироб аст; чӣ бигӯям? Эй Падар! Маро аз ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои ҳамин соат Ман омадаам.

Аъмоли 14:22 Ва дилҳои шогирдонро тақвият дода, панд мегуфтанд, ки "дар имон устувор бошед, зеро ки мо бояд бо мусибатҳои бисъёр дохили Малакути Худо гардем".

Аъмоли 15:24 «Чун шунидем, ки аз миёни мо баъзе касон шуморо бо суханони худ мушавваш соҳтаанд ва дилҳои шуморо ба шакку шубҳа андохтаанд ва гуфтаанд, ки "бояд хатна кунед ва шариатро риоя намоед", ва ҳол он ки мо ба онҳо чунин дастуре надодаем,

1 Қӯринтиён 15:45 Чунин навишта шудааст: "Одами аввалин, яъне Одам, ҷони

зинда гашт". Одами охирин рӯҳи ҳаётбахш аст.
1 Таслӯникиён 5:23 Худи Худои осоиштагӣ бигзор шуморо ба куллӣ пок гардонад ва рӯҳу ҷону ҷисми шуморо дар вакти омадани Худованди мо Исои Масеҳ комилан беайб нигоҳ дорад.
Ибриён 6:19 Он умед барои ҷон мисли лангари боэътимод ва мустаҳкам аст, ва андаруни парда дохил мешавад,
Ибриён 10:39 Вале мо аз онҳо нестем, ки бармегарданд ва ба ҳалокат мерасанд, балки аз имондоронем, ки наҷот меёбанд.
Яъқуб 1:21 Бинобар ин ҳар нопокӣ ва бақияи бадиро як сӯ гузошта, каломеро, ки дар шумо кошта шудааст, бо фурӯтанӣ қабул кунед, ки он метавонад ҷонҳои шуморо наҷот диҳад.
Яъқуб 5:20 Бигзор вай бидонад, ки шахсе ки гуноҳкорро аз рохи ғалати вай гардонад, ҷони вайро аз мамот наҷот дода, гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш хоҳад кард.
1 Петрус 1:9 Ва ба мақсади имони худ, яъне ба наҷоти ҷонҳотон ноил мешавед. 1 Петрус 1:22 Чун ҷонҳои худро бо итоати ростӣ ба воситаи Рӯҳ барои бародардӯстии бериё пок кардаед, доимо якдигарро аз самими қалб дӯст бидоред,
1 Петрус 2:11 Эй маҳбубон! Аз шумо, ҳамчун ғарибонвамуҳоҷирон, хоҳишмандам, ки аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон қиём мекунанд, парҳез намоед.
1 Петрус 4:19 Пас, онҳое ки бар тибқи иродаи Худо уқубат мекашанд, бигзор ҷонҳои худро ба Офаридагори амин супоранд ва некӣ кунанд.
2 Петрус 2:7,8 Ва Лути одилро, ки аз рафтори фосиқонаи шарирон ба танг омада буд, раҳо кард, - 8 Зеро ки он одил дар миёни онҳо умр ба сар бурда ва корхои бади онҳоро дида ва шунида, ҷони одилонаи худро ҳаррӯза меозурд, (ҲӮКМ - Доварон 16:16)
3 Юҳанно 1:2 Эй маҳбуб! Дуо мегӯям, ки ту саломат бошӣ ва дар ҳар чиз комьёб шавӣ, чунон ки ҷони ту комьёб аст.
Ҳастӣ 2:7 Ва Худованд Худо одамро аз хоқи замин бисиришт, ва ба бинии вай рӯҳн ҳаёт дамид, ва одам ҷони зинда шуд.
Ҳастӣ 34:2,3,8 Shechem's soul tie to Dinah. Шумораи 21:4 soul discouraged.
1 Самуил 18:1 friend soul tie. 2 Bakonzi 4:27; Айюб 19:2; Забур 6:3,4 soul vexed.
Айюб 7:11 bitter soul. 14:22 soul mourn. 27:2 grieve soul.
Забур 41:4 God heal soul. 42:5,6,11; 43:5 disquieted soul hope in God.
Забур 97:10 God keep soul safe. 107:9 longing and hungry soul.
Забур 119:28 heavy soul melt, God strengthens. 121:7 God preserves soul.
Забур 120:2 God deliver from bad words. 138:3 God strengthens soul.
Масалҳо 6:32 adultery destroys soul. 22:24,25 angry man snares soul.
Ирмиё 31:25 God satiate weary soul, and replenish sorrowful soul.
Ҳизқиё 13:20,21 God delivers the souls of His people from witchcraft.